**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон доктори**
**илмҳои физика ва математика,**
**профессор _______ Хоҷазода Т.А.**
**«30» октября соли 2020**

**Тақризи**

**муассисаи такриздиҳанда ба диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи номзадии Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалия бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Дар шароити муосир, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти ҷиддии назарияи ҳуқуқ ва давлат, инчунин ҳуқуқи инсонро ташкил дода, дар илм мавриди баҳс қарор гирифтааст, ки зарурияти омӯзиши ҳамаҷонибаи он ба миён омадааст.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда дар баробари дигар давлатҳо аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ дар канор буда наметавонад. Равандҳои ҷаҳонишавӣ бо назардошти раванди гуногунҷанба ва мураккаб буданаш низоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти

давлатию ҷамъиятиро бе таъсир намегузорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ, махсусан илмҳои ҳуқуқшиносӣ мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар иртибот ба ин, метавон иброз намуд, ки рисолаи диссертатсионии Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар шароити муосир дорои аҳамияти бузурги назариявию амалӣ буда, то ҳадди имкон метавонад, ба саволҳои посухногуфтаву норавшани таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити муосир ҷавобҳои асосноки илмӣ диҳад.

Муаллиф дар назди худ мақсад ва вазифаҳои муҳим - омӯзишу тадқиқи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба рушди низоми ҳуқуқии миллӣ; дарёфти роҳҳои ҳалли таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон; пешниҳоди тавсия ва таклифҳо оид ба ҳифзи низоми ҳуқуқии миллӣ аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавиро гузоштааст.

Рисоланавис ҷиҳати муайян намудани мафҳум ва моҳияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар зуҳуротҳои ба он алоқаманд, чун падидаи таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ; таҳқиқ ва таҳлили мафҳумҳои «ҷаҳонишавӣ», «ҳамгироӣ», «низоми ҳуқуқии миллӣ», «ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ» ва дигар падидаҳои ба он алоқаманд; таҳқиқи дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ; таҳлили вазъи ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ; муайян намудани таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; муайян намудани тарзу воситаҳои таъсири ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ; муайян намудани мавқеи соҳибихтиёрии давлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ; манзур намудани пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати ҳифзи низоми ҳуқуқии миллӣ аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ кӯшишҳои зиёд намудааст.

Он масъалаҳое, ки диссертант баррасӣ намудааст, ҷавобгӯй ба талаботи илм ва амалияи замони муосир мебошанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон бо эътимоди комил иброз дошт, ки мавзӯи рисола аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

**Асоси методологии рисоларо** усулҳои умуми илмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додааст ва он аз ҷониби муаллиф бо маҳорати баланд истифода гардидааст.

**Асоси назариявии рисолаи** илмиро корҳои илмӣ – тадқиқотии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, А.Ғ. Холиқзода, Б.А. Сафарзода, Р.Ш. Сотиволдиев, А.М. Диноршоев, Ҷ.З. Маҷидзода, Ҷ. Саъдизода, Д. Ибрагимов, С. Шарифзода, Г. Муродова ва Шорухи Саидҷаъфар, Н. Асламзода, А. Муҳаммад, Г.Н. Зокиров, Ю.А. Тихомиров, С.А. Киреева, Ю.А. Волошин, Е.Г. Лукянова, А.В. Малко, А.Е. Егоров, А. Хвалеева, В.М. Сирих, С.В. Бахин, А.В. Егоров, Л.М. Энтин, В.В. Богатирев, Б.А. Турсункулова, Б.В. Макогон, И.И. Лукашук, В.В. Янков, С.А. Шетинин, А. Кабалкин, С.П. Котковетс, М.Н. Марченко, В.И. Зажитски, Н.В. Архипова, В.Ш. Аюпов, В.М. Шумилов ва дигарон ташкил додаанд.

Он нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ – эҷодии муаллиф далолат медиҳанд.

Натиҷа ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби рисоланавис таҳия шудаанд, комилан дақиқ ва сазовори боварӣ мебошанд.

**Сохтори рисола** вобаста ба мақсад ва вазифа аз ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Боби якуми диссертатсия – «Соҳибихтиёрии давлат ва манфиатҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ (таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ)» аз се зербоб иборат мебошад.** Муаллиф дар боби мазкур ба таври дақиқ ва асоснок масъалаҳои дар зербобҳои боби мазкур муайянгардидаро баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои судмандро манзур намудааст.

Дар зербоби якум «Мафҳум ва моҳияти ҷаҳонишавӣ ҳамчун зуҳуроти таърихӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ» асосан масъалаи таърихи пайдоиш ва инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ, муайян намудани

мафҳуми ҷаҳонишавӣ чун падидаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва нақши байниҳамдигарии онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар зербоби мазкур дар баробари ҷанбаи ҳуқуқӣ, инчунин ҷанбаи таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф чунин меҳисобат, ки бидуни таҳқиқи ҷанбаи таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар хусусиятҳои он ба умқи пурраи таҳқиқи ҷанбаи ҳуқуқии он расидан имконнопазир аст. Дар иртибот ба ин, бо дарназардошти хусусияти умумиҷаҳонии таърихӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва равандҳову тамоюлҳои замони муосир ҷаҳонишавӣ ҳамчун тамоюли таърихии инкишофи инсоният бадалшавӣ ва вобастагии иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳо ба минтақаи ягонаест барои ба вуҷуд омадани майдони ягонаи байналмилалии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ-иттилоотӣ, инфрасохтори ба худ хоси байниминтақавӣ, аз ҷумла иттилоотию таблиғотӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки ҷаҳонишавӣ зуҳурот ва ҳодисаи мушаххаси таърихӣ буда, дар ҳар як давраи таърихӣ омилҳо ва тамоюлҳои дигари ба он алоқаманд ва монандро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба инъикоси падидаи ҷаҳонишавӣ далолат менамоянд. Нишона, аломатҳо ва дигар хусусияти ҷаҳонишавӣ, махсусан ҷаҳонишавии ҳуқуқ дар давраи давлатдории Ҳахоманишиҳо зери роҳбарии Куруши Кабир, Юнони Қадим ва Рими Қадим, арабҳо, Хоқонати турк, Россияи подшоҳӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давраҳои таърихӣ бо тарзҳои гуногун ба назар мерасад.

Муаллиф бо такя ба адабиёти илмӣ иброз менамояд, ки ғарбгароӣ, ҷаҳонишавӣ ва дигар омилҳои ба он алоқаманд вобастагии иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳоро ба миён оварда, имкони татбиқи ҳадафҳои давлатҳои Ғарбро васеъ намуда, ба пайдоиши мафҳумҳои «фарҳангӣ ҷаҳонӣ», «иқтисоди ҷаҳонӣ», «сиёсати ҷаҳонӣ» ва «ҷаҳонишавии ҳуқуқ» асос гузошта истодааст.

Дар зербоби дуюм «Ҳимояи ҳуқуқии соҳибихтиёрии давлат дар

раванди ҷаҳонишавӣ» муаллиф масъалаи вазъи соҳибихтиёрии давлат дар равандҳои ҷаҳонишавиро мавриди таҳқиқи қарор додааст. Рисонавис қайд менамояд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ соҳибихтиёрии ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлат зери таъсири бевосита қарор гирифта, имконияти давлат дар муайян намудани самтҳои мазкур аз вазъи хориҷӣ вобаста мегардад. Асоси таъмини бевоситаи соҳибихтиёрии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлат ин соҳибихтиёрии ҳуқуқии давлат ба шумор рафта, новобаста аз ин дар навбати дигар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоюли вайрон кардани соҳибихтиёрии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар натиҷаи вайронкунии соҳибихтиёрии иқтисодӣ ва мафкуравӣ чун таркибдиҳандаи асосии соҳибихтиёрии давлатӣ мушоҳида мегардад.

Дар зербоби сеюм «Манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ (таҳлили назариявӣ-ҳуқуқӣ)» муаллиф асосан масъалаҳои вобаста ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ, инчунин нақши онро дар ҳифзи низоми ҳуқуқии миллӣ бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Рисоланавис ба он назар аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳифз ва нигоҳдории мустақилияти низоми ҳуқуқии миллӣ аз таъмини манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ба миён омадани таҳдидҳои дохилию хориҷӣ ба манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ қудрати давлатро дар ҳимояи низоми ҳуқуқии миллӣ завол менамояд. Инчунин, муаллиф зикр менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷӣ қадаре, ки низоми ҳуқуқӣ, иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг ҷаҳонӣ гардад, ҳамон қадар манфиатҳо дар ин ҷода меафзоянд. Дар ин замина, пайдоиши равия ва мафҳумҳои нави «геоҳуқуқӣ», «геосиёсӣ» «геоиқтисодӣ» ва «геофарҳангӣ», ки рушди онҳо ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст, ба миён омада истодааст.

Дар ин росто, муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ воситаи асоси нигоҳдории мустақилияти низоми ҳуқуқии миллӣ ба ҳисоб

меравад.

**Боби дуюми диссертатсия – «Тамоюл ва дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ» номгузорӣ шудааст, ки аз чор зербоб иборат мебошад.** Муаллиф дар ин қисмат бештар ба таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллӣ, вазъи ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ, таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, инчунин таъсири ҳамгироӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ аҳаммият дода, дар доираи адабиёти зиёди илмӣ ва қонунгузорӣ мавзӯи таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллиро баррасӣ намуда, ки барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва махсусан ҳуқуқи инсон мақсаднок мебошад.

Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм, ки «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст, ба таври пурра мафҳум, мазмун ва моҳияти ҷаҳонишавии ҳуқуқ ва таъсири онро ба рушди низоми ҳуқуқии миллӣ баррасӣ намудааст. Муаллиф чунин қайд намудааст, ки дар баробари пайдоиши ҷаҳонишавии иқтисод, сиёсат, фарҳанг ва ҷаҳонишавии дигар соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ, инчунин падидаи ҷаҳонишавии ҳуқуқ ташаккул ёфта истодааст, ки сарчашмаи густариши ҷаҳонишавии дигар соҳаҳо баромад менамояд. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ҳамчун соҳаи махсуси равандҳои ҷаҳонишавӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ низомҳои ҳуқуқӣ, арзишҳо ва меъёрҳои давлатҳои абарқудратро бо мақсади навсозии низоми ҳуқуқии миллӣ мутобиқ ба сатҳи байналмилалӣ ба миён оварда, дар натиҷа наздикшавӣ ва ягонасозии низомҳои ҳуқуқии давлатҳо бошиддат ба миён омада истодааст, ки он ба коста гардидани мустақилияти низоми ҳуқуқии миллӣ, ташкили фазои ягонаи ҳуқуқ, тафовутногузории хусусиятҳои қонунгузории миллӣ ва дигар хусусиятҳои манфӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки таъсири ҷаҳонишавии ҳуқуқ ба рушди низоми ҳуқуқӣ тавассути ҳамгироии ҳуқуқӣ, милокгузории ҳуқуқӣ, байналмилалисозии ҳуқуқӣ, ки дарбаргирандаи нусхасозии

ҳуқуқӣ, наздиксозии ҳуқуқӣ ва ягонасозии ҳуқуқӣ мебошад ва инчунин тавассути мувофиқсозии ҳуқуқӣ ба миён омада истодааст.

Зербоби дуюми боби дуюм, ки масъалаи «Вазъи ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ»-ро фаро гирифта вазъи ҳуқуқи инсон ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба он мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ба он назар аст, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ фарҳанги ҳуқуқи инсонро зери таъсири бевосита қарор дода, ҷавҳари асосии онро, ки аз арзишҳои ҳамидаи инсонӣ ва ахлоқӣ сарчашма мегирад моҳиятан тағйир дода истодааст. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги ҳуқуқи инсон бештар бо пайдоиши ақида ва арзишҳои дар мамлакатҳои тамаддуни ғарб баамаломада зоҳир мегардад. Муаллиф ба намунаи паҳншудаи он ҳамҷинсгароӣ, никоҳи ҳамҷинсгароён, навъи мусиқии ғарбии реп, либос ва дигар арзишҳоро номбар менамояд.

Рисоланавис пешниҳод менамояд, ки воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва фарҳанги ҳуқуқи инсон аз таъсири манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ, ин татбиқ ва корбарии васеъи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар қисмати «бо мақсади таъмини ахлоқи ҷомеа» ба шумор меравад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм «Таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» муаллиф таносуб ва таъсири байниҳамдигарии ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллиро таҳлил намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҷаҳонишавӣ дар нақши аввал вазифаи ташкили тартиботи ҷаҳониро бо мақсади якҷоя ҳал кардани мушкилотҳои ҷаҳонӣ, таъмини сулҳ ва амният ва талаботи демократияро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба асос гирифта, омили мазкур сабабгори зиёд гардидани бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ ва мустаҳкам гардидани алоқаи мутақобилаи он бо низоми ҳуқуқии миллӣ гардидааст. Ба ақидаи муаллиф омили асосии таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ ва қонунгузории миллӣ ин эътирофи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба сифати қисми таркибии низоми ҳуқуқии

Тоҷикистон мебошад. Муқаррароти мазкур дар қисми 3-и моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ифодакунандаи назария якандешии таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ бо ҳуқуқи дохилидавлатӣ бо бартарии ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи дохилидавлатӣ мебошад, ба назар мерасад. Ҳолати мазкур дар таҳкими таъсири ҷаҳонишавӣ ва принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос гузошта, бо назардошти аъзо будани давлатҳо дар созмонҳои байналмилалӣ ба наздик ё монанд шудани низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Дар зербоби чоруми боби дуюм «Ҳамгироӣ ва таъсири он ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф мафҳуми ҳамгироӣ ва нақши онро дар рушди низоми ҳуқуқии миллӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф мафҳуми марказиро чунин шарҳ додааст, ки ҳамгироии ҳуқуқӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, моҳияти он самти наздикшавӣ ва муттаҳидшавии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузориро бо мақсади ҷорӣ намудани тартиботи умумӣ дар бар гирифта, якҷоякунии низомҳои гуногуни ҳуқуқиро фаро мегирад. Ҳамгироӣ ҳамчун фаъолияти муайян зери раванди ҷаҳонишавӣ ташаккул ёфта, дар ин раванд санадҳои намунавӣ зарурати ворид намудани тағйирот ба қонунгузории миллӣ ва тағйири ягонагии онро тақозо намуда, дар асоси мубодилаи таҷрибаи байниҳамдигарии низомҳои ҳуқуқӣ ба миён омада истодааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки асоси ҳамгироии ҳуқуқиро фаъолияти созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва натиҷаи санадҳои қабулнамудаи онҳо ташкил намуда, санадҳои дар доираи ин созмонҳо қабулгардида ҳамчун санади ҳатмӣ ва намунавӣ барои давлатҳо баромад мекунад. Инчунин, ҳамгироии ҳуқуқии минтақавӣ асоси наздикшавии низомҳои ҳуқуқи миллӣ ва пайдоиши низоми дараҷаи нисбатан назораткунанда аз болои низомҳои ҳуқуқӣ миллӣ мегардад.

Аз моҳияти диссертатсияи Сафарализода Далери Сайдаҳтам бар меояд, ки ӯ мавзӯи мазкурро дар асоси адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ бо назардошти асосҳои ҳуқуқӣ, шароити иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ,

ичунин дурнамои рушди низоми ҳуқуқии миллиро дар раванди ҷаҳонишавӣ баррасӣ намудааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй, ки дар диссертатсия баён гардидаанд.** Диссертатсия аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ватании назарияи ҳуқуқ ва давлат, ичунин ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад, ки дар он таърифҳои муаллиф оид ба мафҳумҳои «ҷаҳонишавӣ», «ҷаҳонишавии ҳуқуқ», «ҳамгироӣ», «байналмилалисозӣ», «манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ» ва ғ. истифода гардида, мазмун ва моҳияти ҷаҳонишавӣ чун падидаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ асоснок карда шуда, раванди таърихии ташаккули ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ва омилҳои дигари ба он алоқаманд пешбарӣ гардида, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ – методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.** Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Ба монанди:

**1.** Дар нуқтаи илмии 2 –ум пешниҳод мегардад, ки бо мақсади ҳифзи соҳибихтиёрии ҳуқуқии давлат дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки бо мустақилияти низоми ҳуқуқии миллӣ ифода меёбад стратегия ва ё консепсияи ҳифзи соҳибихтиёрии ҳуқуқии давлат аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва консепсияи ҳифзи ҳуқуқии иқтисоди миллӣ аз таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ қабул карда шавад. Дар ин росто, хуб мешуд, ки муаллиф пешниҳоди мазкурро дар зербоби якуми боби дуюм каме шарҳ медод.

**2.** Дар зербоби якуми боби якум муаллиф ба он назар аст, ки вожаҳои «ҷаҳонишавӣ» ва «ҷаҳоникунӣ» метавонанд вожаи «глобализатсия»-ро ифода намоянд. Оё вожаҳои мазкур маънои пурраи вожаи «глобализатсия»-ро фарогир шуда метавонад?

**3.** Дар зербоби якуми боби якум муаллиф ишора ба таъсири зиёди равандҳои ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги миллӣ менамояд. Бо назардошти он ки дар шароити ҷаҳонишавӣ фарҳанги миллӣ зери таъсири зиёд қарор мегирад, зарур буд, ки муаллифи диссертатсия як зербоби алоҳида дар ин самт илова менамуд.

Камбудиҳои номбаргардида аҳамияти баланди илмии диссертатсияи мазкурро кам наменамоянд.

**Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мақолаҳои илмӣ, ки рӯйхати онҳо дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия ва автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Далери Сайдаҳтам дар мавзӯи «Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб раси-

дааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарализода Далери Сайдаҳтам сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Эльназаров Давлатшо Хоҷаевич омода карда шуда, дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедра аз 23 окябри соли 2020, протоколи №1 муҳокима шуда, дар ҷаласаи кафедра аз 30 октябри соли 2020 протоколи №3 ҷонибдорӣ шудааст.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
Донишгоҳи Славянии Россия ва
Тоҷикистон — Тулиев И.Р.

Ташхисгар, мудири кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Эльназаров Д.Х.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ
муаллимаи калони кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон — Шоисматуллоева Ф.Ш.

Имзои Эльназаров Д.Х., Тулиев И.Р.,
Шоисматуллоева Ф.Ш.-ро тасдиқ
мекунам.

Сардори Шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон — Давлатов Х.Х.

ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода - 30, Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон. Тел.: (+992 37) 2278646, email: www.rtsu.ru